**Суратмаҷлиси № 92-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 13-уми марти соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои
шуро 15 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ )»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ), (роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мухторов Зайниддин Мухторович)** ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Тоҷидинзода Парвина** ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Султон Ҳасан Баротзода** – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи экспертӣ;

**– Гадоев Нурхон** – доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

– **Мирзоева Моҳира Маиброҳимовна** доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.